**Тақриз**
**ба фишурдаи рисолаи Ниёзова Маҳина Тешаевна**
**дар мавзӯи «Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ**
**ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ» барои дарёфти**
**дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси**
**10.01.03-Адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик)**

Мавзӯе, ки унвонҷӯ Ниёзова М.Т. интихоб кардааст, ба мавзӯи муҳими адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ ихтисос дорад. Масъалаи таҳқиқ ва ошкор намудани ҷойгоҳи тасвири намоди Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино дар фолклор ва адабиёти мактуб дар заминаи нақлу ривоятҳо, ёддоштҳои шогирдону ҳамасрони ин нобиғаи ҳама давру замон ҳарчанд нав нест, вале бо дарназардошти аҳамияти ҷанбаҳои таърихӣ ва фарҳангӣ мавзӯи болозикр муҳимияти нави пажӯҳишӣ ба худ касб кардааст. Дар ин росто мавзӯе, ки соҳиби диссертатсия ба риштаи таҳқиқ кашидааст, дар адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик ба таври мушаххас ва дар шакли ҷудогона мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Қобил ба ёдоварист, ки дар робита ба ин мавзӯъ корҳои шоёни таҳқиқотӣ аз ҷониби олимони тоҷик ва хориҷӣ анҷом пазируфтаанд.

Аз мутолиаи фишурдаи диссертатсия бармеояд, ки унвонҷӯ таҳлилу баррасии диссертатсияи худро дар пояи усулҳои маъмули илми адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ, яъне усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили тасвирӣ ва типологӣ амалӣ сохта, аз таҳқиқоти донишмандони шинохтаи ин соҳа фаровон истифода намудааст ва саҳми эшонро дар ин самт воқеӣ ва бо эҳтиром таъкид намудааст.

Чуноне аз муҳтавои фишурдаи диссертатсия маълум мегардад, дар тӯли қарнҳо ниёкони мо дар бораи шахсияти Ибни Сино нақлу ривоятҳои зиёде офаридаанд, ки аксари онҳо тавассути фолклор ва адабиёти хаттӣ маҳфуз монда, ҳамчун падидаи маънавӣ имрӯз низ ба ҳамагон хизмат мекунанд. Маҳз илму маърифати баландпоя, дониши фарох, истеъдоди фитрӣ ва хислатҳои неки инсонпарваронаи Абӯалӣ ибни Сино боис шуданд, ки ӯ байни мардум аз маҳбубияти зиёде бархурдор асту мардум дар ситоиши кору пайкораш осори безавол эҷод кардааст.

Истифодаи васеъ аз маъхазу манбаъҳои илмӣ, адабӣ, маводи фолклорӣ, таҳқиқи бозёфтҳои арзишҳои миллӣ ва хулосаҳои асосноки илмии соҳиби фишурдаи диссертатсия, унвонҷӯ Ниёзова М.Т. бори дигар мутмаин месозад, ки Абӯалӣ ибни Сино воқеан ҳам дар ривоҷу

равнақи соҳаҳои мухталифи илм, ба вижа, илми тиб дар сартосари ҷаҳон саҳми арзишманд дорад ва ӯ барҳақ ситораи дурахшони осмони илми ҷаҳонист. Ин аст, ки муаллифи фишурдаи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, то ҷойгоҳи шахсияти таърихии Ибни Синоро дар контексти гуногуни маводи фолклорӣ ва адабиёти китобӣ муайян намояд.

Чуноне дар фишурда қайд шудааст, сохтори диссертатсияи унвонҷӯ Ниёзова М.Т. аз муқаддима, 3 боб бо иловаи 13 фасл, хулоса, китобнома, рӯйхати гӯяндагони осори шифоҳӣ ва феҳристи асарҳои шифоҳии дар Фонди фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ маҳфузбуда, ки ба Ибни Сино иртибот доранд, фароҳам оварда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзӯи интихобнамудааш ба ҳадафи хеш комёб шудааст ва ин аз натиҷагириҳои ӯ доир ба масъалаи пажӯҳишӣ пайдост.

Дар баробари дастовардҳои илмии соҳиби диссертатсия дар кори унвонҷӯ баъзе камбуду ғалатҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла:

1.Дар фишурдаи диссертатсия ҷавобан ба гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба чопи осори Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, ки дар саҳифаи аввали кор (муқаддима) оварда шудааст, мувофиқи мақсад мебуд, агар мухтасаран дар бобати баргардон, тарҷума, ба нашр омода кардан ва ба табъ расидани чандин ҷилдҳои Осори дастрасбудаи Ибни Сино ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз тарафи олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ишорае карда мешуд (саҳ.1).

2.Беҳтар мебуд, агар дар фишурдаи диссертатсия унвонҷӯ баъзе мулоҳизаҳои худро дар бораи робитаи мутақобилаи фолклор ва адабиёти хаттӣ дар мисоли муқоисаи наклу ривоятҳо ва ёддоштҳо оид ба Ибни Сино, ҳамчунин таъсири ҳамдигарии мутуни фолклорӣ ва адабӣ дар заминаи маводи таҳлилкардааш иброз медошт.

3.Муаллиф дар кор доир ба нусха (вариант) ва қаринаҳои наклу ривоятҳои мардумии марбути Ибни Сино, контоминатсияи (махлутшавии) асарҳои фолклорӣ ва нисбат додани як асар ба шахсиятҳои гуногуни таърихӣ баъзе андешаҳои хешро баён медошт, мувофиқи мақсад мебуд, зеро таҳқиқоти ӯ дар заминаи наклу ривоятҳои мардумӣ ва ёддоштҳои таърихӣ таълиф шудааст.

4.Дар фишурдаи диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ, услубӣ ва имловӣ дида мешаванд. Чунончи, дар баъзе маврид номи пажӯҳандагон бо андаке ғалат оварда шудааст: ба ҷои **Е.Э.Бертелс** номи муҳаққиқ ҳамчун Э.Е.Бертелс, ба ҷои **Рашидаддини Ватвот** номи эшон

Рашиддидуни Ватвот омадааст. Ҳамчунин дар баъзе ҳолат дар дохили як ҷумла ному насаби баъзе олимон дар шакди пурра ва баъзеашон дар шакди нопурра оварда шудаанд. Ба андешаи мо, унвонҷӯ дар ин маврид меъёри ягонаро интихоб менамуд, мувофиқи матлаб мебуд (саҳ.2, 3, 5).

Ғалатҳои ҷузъии номбаршуда албатта қимати илмии диссертатсияи унвонҷӯро ҳаргиз коста намесозанд.

Мутолиа ва баррасии фишурдаи диссертатсия гувоҳи он назар аст, ки диссертатсияи унвонҷӯ Ниёзова Маҳина Тешаевна ҷамъбасти пажӯҳишҳои тӯлонии муаллиф аст ва аз лиҳози интихоби мавзӯъ, баррасӣ ва ҳаллу фасли он таҳқиқи тоза дар адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик буда, иқдоми муҳим дар таҳқиқи минбаъдаи ин мавзӯъ мебошад. Бинобар ин диссертатсия ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03–Адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) мебошад.

**Шодигул Умарова,**
**номзади илми филология,**
**котиби илмии Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

15.11.2018